*ТДУ 8Т*

**ТАРҒИБИ МАСОИЛИ АДАБӢ ДАР МАТБУОТИ ДАВРИИ ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ (дар мисоли рӯзномаи Ҳақиқати Суғд ва ашъори Фарзона)**

**Бобоҷонова Мутриба Султоновна,** н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи иттилоот ва технологияҳои робитавӣ; **Ҳакимова Сурайё Ҳасансултоновна,** н.и.ф., дотсенти кафедраи иттилоот ва технологияҳои робитавии МДТ «ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров» (Хуҷанд, Тоҷикистон)

**ОСВЕЩЕНИЕ ВОПРОСОВ ЛИТЕРАТУРЫ В ПЕРИОДИЧЕСКОЙ ПЕЧАТИ ЭПОХИ НЕЗАВИСИМОСТИ (на примере газеты «Хакикати Сугд» и стихов Фарзоны)**

**Бободжонова Мутриба Султоновна,** к.ф.н., доцент, заведующая кафедрой информатики и коммуникационных технологий; **Хакимова Сурайё Хасансултоновна,** канд. филол.наук, доцент кафедры информатики и коммуникационных технологий ГОУ «ХГУ имени акад.Б. Гафурова (Худжанд, Таджикистан)

**PROPAGANDA OF LITERARY ISSUES IN THE PERIODICAL PRESS OF THE INDEPENDENCE AGE (using the example of the newspaper «Hakikati Sughd» and Farzona's poems)**

**Bobojonova Mutriba Sultonovna,** Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Informational and Communication Technologies; **Hakimova Surayyo Hasansultonovna,** Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Information and Communication Technologies, SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov" (Khujand, Tajikistan)

***Калидвожаҳо***: *Матбуот, адабиёт, «Ҳақиқати Суғд», тарғиб, шеър, масоили адабӣ, Фарзона, нашр, ашъор*

*Дар мақола тарғиби масоили адабӣ дар матбуоти даврии замони истиқлол дар мисоли рӯзномаи Ҳақиқати Суғд ва ашъори Фарзона баррасӣ мешавад. Таъкид карда мешавад, рӯзномаи «Ҳақиқати Суғд» низ аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ дар баробари инъикоси ҳадафҳои созанда, тарғибу ташвиқи ғояҳои хештаншиносӣ, ба аҳолӣ расонидани иттилоот, омӯзиш ва ташаккули афкори ҷомеа ва амалигардонии сиёсати давлат дар тарғиби фарҳангу адабиёт ҳамзамон дар муаррифии чеҳраҳои мунир саҳми беандоза дорад. Изҳори ақида шудааст, ки рӯзномаи мавриди назар дар тарғибу ташвиқи яке аз чеҳраҳои мунири адабиёти муосири тоҷик, Шоири халқии Тоҷикистон Фарзона саҳми назаррас дорад. Хулоса мешавад, ки сохтор ва мавзуъву равишҳои баррасии тарғиб ва ташвиқи ашъори Фарзона дар рӯзнома ҷолиб буда, инъикоси ашъори ӯ дар саҳифаҳои рӯзнома дар шинохти масъалаҳои адабиётшиносӣ ва хештаншиносӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад.*

***Ключевые слова:*** *пресса, литература, «Хакикати Сугд», пропаганда, поэзия, литературные вопросы, Фарзона, публикации, стихи.*

*В статье рассматривается пропаганда литературной проблематики в периодической печати времен независимости на примере газеты «Хакикати Сугд» и стихов Фарзоны. Подчеркивается, что данная газета с первых дней независимости наряду с отражением конструктивных целей, пропагандой идей самоидентификации, информированием населения, обучением и формированием общественного мнения и реализацией государственной политики в области развития культуры и литературы , в то же время внесла огромный вклад в представление известных лиц. Установлено, что газета внесла значительный вклад в популяризацию одного из самых ярких деятелей современной таджикской литературы – народного поэта Таджикистана Фарзоны. Делается вывод, что структура, тематика и методы пропаганды стихов Фарзоны в газете интересны, и освещение ее стихов на страницах газеты создает благоприятную основу для признания литературной проблематики.*

*The article examines the propaganda of literary issues in periodicals during independence using the example of the newspaper «Pravda Sogda» and Farzona's poems. It is emphasized that the newspaper «Hakikati Sughd» from the first day of independence, along with reflecting constructive goals, promoting ideas of self-identification, informing the population, training and forming public opinion, implementing state policy in the field of development of culture and literature, famous persons are presented. It has been established that the national poet of Tajikistan Farzona made a significant contribution to the popularization of one of the most prominent figures in modern Tajik literature. It is concluded that the structure, themes and methods of promoting Farzona's poems in the newspaper are interesting, and*

*criticism of her poems on the pages of the newspaper creates a favorable basis for the recognition of literary issues.*

Инъикоси масоили адабиёт ва фарҳанг аз муҳимтарин самтҳои фаъолияти васоити ахбори муосир аст, аз ҷумла тавассути матбуот адабиёт таблиғ ва ҷавҳари аслии он ба хонандагон муаррифӣ мегардад, зеро адабиёт аз муҳимтарин авомилест, ки мавҷудияти миллату давлатро собит месозад. Ин аст, ки инъикоси масоили адабӣ баррасии масоили мухталифи мавҷуда дар ин самт яке аз рисолати аввалиндараҷаи матбуоти даврӣ мебошад.

Рӯзномаи «Ҳақиқати Суғд» низ аз рӯзи нахустини соҳибистиқлолӣ дар баробари инъикоси ҳадафҳои созанда, тарғибу ташвиқи ғояҳои хештаншиносӣ, ба аҳолӣ расонидани иттилоот, омӯзиш ва ташаккули афкори ҷомеа ва амалигардонии сиёсати давлат дар тарғиби фарҳангу адабиёт, ҳамчунин, дар муаррифии чеҳраҳои мунир саҳми беандоза дорад.

Аслан, адабиёт ва матбуот ба ҳам пайванди ногусастанӣ доранд ва муҳаққиқон, аз ҷумла С. Аъзамзод бар ин назаранд, ки «...адабиёт заминаи пайдоши матбуоти тоҷик аст» ва дар баробари ин «пайдоиш ва ривоҷи матбуоти тоҷик боиси ташаккул ва равнақи адабиёти давраи нави тоҷик қарор гирифтааст [1,с.113].

Омӯзиш ва таҳлили шумораҳои «Ҳақиқати Суғд» доир ба инъикоси масоили адабиётро метавон ба бахшҳои зерин қисмат кард:

- Нашри хабару мақолаҳо роҷеъ ба баргузории маҳфил ва чорабиниҳои адабӣ;
- Нашри намунаҳои ашъор, шеъру ҳикояҳои адибони классику муосир;
- Нақди адабӣ, тақриз ва китобиёт.

Яке аз самтҳои адабиёт муаррифии чеҳраҳои адабӣ аст, ки рӯзномаи «Ҳақиқати Суғд» дар ин самт хидмати мондагор дорад. Аз ҷумла, дар тарғибу ташвиқи яке аз чеҳраҳои мунири адабиёти муосири тоҷик, Шоири халқии Тоҷикистон Фарзона саҳми назаррас дорад. Пайванди рӯзнома бо Фарзона аз рӯзҳои нахустини фаъолияти эҷодии Фарзона оғоз шудааст. Собиқ сармуҳаррири рӯзномаи «Ҳақиқати Суғд» Карими Шариф дар яке аз навиштаҳои хеш таъкид намудааст, ки «барои кормандони идораи мо («Ҳақиқати Суғд», С.Ҳ.) боз ду давраи дигар ба тариқи хоса ёд карда мешавад: аввалӣ, солҳои панҷоҳум, ки хушлаҳнтарин шоири даврони шӯравӣ устод Аминҷон Шукӯҳӣ наздики даҳ сол баробари дар вазифаҳои котиби масъул ва ҷонишини муҳаррир кор кардан бо шеърҳои даҳрошӯбашон эътибори рӯзномаро дар саросари диёр дучанд месохтанд; дуюмӣ, солҳои ҳаштодум, ки ҳазордастони адабиёти муосири форсӣ Фарзонабону барои ҷаҳонгирии минбаъдаашон, аз ҷумла, ду сол дар даргоҳи адабпарварди «Ҳақиқат» ба ҷаҳиши ҳайратангези худ омодагӣ дида, маҳз бо дуои пирони ин кохи маърифат ба шоҳроҳи тасхири олам гомҳои гурдона ниҳодаанд [3,6].

Худи Фарзона аз замони фаъолият дар идораи рӯзнома ва муҳаббати хеш чунин менигорад: «Ин рӯзномаи шуҳратманд дар муқобили таҷрибаҳои сахти таъриху тақвим пояндагӣ кардааст, ҳампайкорҳои дохилиро дар оғози давлатдории тоҷикон дар солҳои сивум, ҳам ҷанги зидди фашизм, ҳам разми шаҳрвандии Тоҷикистонро дидааст.

Ҳатто, табдили сохтҳои иҷтимоӣ низ ҳаёти муназзами ӯро қатъ накардаанд. Ба ёд меорем, ки дар солҳои навадум барои дубора номи азизи Хуҷандро дарёфтани шаҳри Ленинобод рӯзномаи мо («Ҳақиқати Суғд» дар назар аст, С.Ҳ.) набардгоҳи азимеро мемонад. Ба таъбири Мавлоно кулли «охирбинону охурбинон» ба разм бархоста буданд ва оқибат рӯзномаи фотеҳ шаҳри саодатмандро ба номи аввалияш муборакбод гуфт. Албатта, дар ҳеҷ марҳалаи иҷтимоӣ ихтилои андешаву ормонҳову назарҳову пиндорҳову кирдорҳо ҳаргиз барҳам намехӯранд, аммо «Ҳақиқати Суғд» аз оғоз чунин сабку мароми ойинаро пазируфт, ки мухолифатҳоро ба мувофиқат овард» [4, с. 3].

Воқеан, аввалин шеърҳои Фарзона дар саҳифаи ин рӯзнома нашр шуда, паёми дурахши ситораи тобони назми тоҷикро ба хонандагон расонидааст. Тарғибу ташвиқи ашъори Фарзонаро дар саҳифаҳои рӯзномаро метавон чунин дастабандӣ кард:

- Нашри ашъор:

а) шеърҳои тозаэҷоди Фарзона;

б) шеърҳои шоирони дигар дар ситоиш ва тараннуми ҳунару истеъдоди Фарзона;

- Нақди осори Фарзона:

а) Нашри нақди адабиётшиносони ватанӣ;

б) Дарҷи таҳлилу баррасиҳои адабиётшиносони хориҷӣ;

- Нашри мусоҳиба, хабару гузориш ва мақолаҳо аз чорабиниҳо ва маҳфилҳои адабӣ бо иштироки Фарзона.
- Муаррифии китобҳои тозанашри шоир.

Аз солҳои 90-уми асри XX сар карда, дар бахши нақди адабии рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобон» (айни ҳол «Ҳақиқати Суғд») мақолаҳои ҷолибу хондании адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ роҷеъ ба шинохти ашъори Фарзона нашр шудаанд. Яке аз аввалин баррасиҳои ашъори Фарзона навиштаи Матбулаи Мирзоюнус (Хоҷаева) «Субҳи мавлуди муғчаҳо» (Ҳақиқати Леинобод №25 (15123), 20-23-юми марти 1994) мебошад. Муаллиф дар ин мақола доир ба вижагиҳои ашъори Фарзона ҳарф зада, қайд мекунад, ки «доираи ашъори Фарзона номаҳдуд аст – фалсафиву ишқӣ, меҳанпарастонаву манзаранигорона, ахлоқиву орифона. Вале манзур якест - як лаҳзаи зебо, як лавҳаи пурнур, як манзараи пурнақш, як фикри бикр ва андешаи дақиқро зиндагии ҷовидона бахшидан» [8, с.3]. Муаллиф ба натиҷа мерасад, ки ҳар шеъри Фарзона «далели навҷӯист» ва «нишони тозакорист». Дар ин мақола ба «Баҳорнома» ё худ силсилаи наврӯзии ашъори Фарзона бештар руҷӯъ шуда, мунаққид таъкид месозад, ки вожаи «баҳор» дар ашъори Фарзона басо пурмуҳтавову гаронмоя аст.

Ҳамзамон, дар шумораҳои 82, 84, 85, 86 (15491, 93, 94, 95) - уми «Ҳақиқати Ленинобод» аз моҳи октябри 1998 сисилаи нақди адабии Атахон Сайфуллоев «Фariштаи ишқи ҷовидон» роҷеъ ба ашъори Фарзона нашр шудааст.

Мақолаи Атахон Сайфуллоев «Шеърҳои офтобӣ» («Ҳақиқати Ленинобод» №45 (15867) 5-уми июни соли 2002, с. 3), ки фарогири нақди ашъори Фарзона мебошад хеле ҷолиб аст. Мақолаи «Фарзона ва шеъри Аҷам»- и Турдихон Бердиева, ки дар шумораи №73 (16095), 11 сентябр 2004, саҳ 4-5-уми рӯзнома мунташир шудааст, дар шинохти шуҳрат ва маҳорати шоир хидмат кардааст.

Мусоҳибаи Рафоъат Муъминова «Суоле чанд ба офтоби назар шоира Фарзона», ки дар «Ҳақиқати Ленинобод» № 19 (16041), аз 6 марти соли 2004, саҳ 6 нашр шудааст, аз мусоҳибаи хеле самимонаи Фарзона буда, рӯзноманигор андешаҳои ҳамсуҳбати хешро роҷеъ ба шеър чист ва шоир кист, беҳтарин шеър кадом аст ва бузургтарин шоир кист пурсон мешавад.

Соли 2014 рӯзномаи «Ҳақиқати Суғд» (аз шумораи 4 (17216), 9-уми январ) саҳифаи илмию адабӣ ва оммавиро бахшида ба рӯзгор ва осори Шоири халқии Тоҷикистон Фарзона роҳандозӣ мекунад. Саҳифа «Каъбаи ҷон» унвон дошта, рӯзноманигор Солеҳи Зарифзод масъули саҳифа маҳсуб мeёфт ва давоми як сол, моҳе як маротиба нашр шудааст.

Саҳифаи «Каъбаи ҷон» беҳтарин мақолаҳои адабиётшиносон шоирону нависандагон ва ҳаводорони ашъори шоирро нашр намуда, дар шинохти ашъори шоир хидмати мондагорро ба анҷом расонидааст. Навиштаҳои А.Ҳаким «Андеша, отифа, тасвир» (давомаш дар ду шумораи баъдӣ), С.Ҳоҷиев «Шеъри маърифатбахш» («Ҳақиқати Суғд» №19, 2014), Абдунаби Сатторзода «Аз фарши иҷтимоӣ то арши кибриё» (Ҳақиқати Суғд №89, 2014), А.Ҳасанов «Шеъри ту тоҷикро сармоя дод"(Ҳақиқати Суғд №34, 2014), З.Қурғонов «Нодиркорӣ дар корбурди вожагони ҳаммаъно» (Ҳақиқати Суғд №98, 2014), Мӯсо Олимҷонов «Мируре ба калимасозиҳои устоди сухан» (Ҳақиқати Суғд № 107, 2014), Н.Файзуллоев «Ғазалсарои маъруфи давр» (Ҳақиқати Суғд №123, 2014), Гулноз «Табассуми ҷовидонаи ҳурии нилуфар» №32, 2014) аз ҷумлаи беҳтарин нигоштаҳои ин саҳифа мебошанд.

Чунончӣ Аскар Ҳаким дар мақолаи хеш «Андеша, отифа, тасвир» таъкид мекунад, ки «Фарзона яке аз соҳибистеъдодтарин намояндаи шоирони насли нав мебошад, дар шеъраш низ боризтарин махсусиятҳои шеъри он инъикос гаштааст». Аскар Ҳаким зимни баррасии шахсияти ғиноии шеъри Фарзона таъкид месозад, ки «...агар ба рӯҳияи шоир ва ё шахсияти ғиноии Фарзона таамуқ шавад, чунин бардоште ҳосил мешавад, ки сухани ӯ ҳагоми рӯй овардан ба зиндагии ҳаррӯза оҳанги маҳзун гирифта, бештар воқеъгароёна аст, вале вақте ки ба олами орзуҳояш меравад, суханаш лаҳни шодиву хаёлпардозона мегирад» [2,с.3]. Караматулло Олимов низ дар мақолаи «Дуруди Каъбаи сурх ба сӯи фардои сабз» қайд мекунад, ки «Фарзона шоирест хирадпеша. Ҳар сухани худро натанҳо дар қолаби эҳсосоти шӯрангези дили ишқпарвар, балки дар мизони дақиқи мантиқ санҷида баён мекунад» [5,с.3].Саҳифа «Каъбаи ҷон» дар баробари нақдҳои ҷолиби олимони соҳа, зери гӯшаи «Шеъри нав» ашъори тозаэҷоди шоирро пешниҳоди хонандагон намудааст. Зери гӯшаҳои «Эҳдо» ва «Ифшои роз» бошад, муҳаббатномаҳои назмиву насрии мухлисони Фарзона нашр шудааст.

Дар даҳсолаи дувуми асри XXI низ рӯзнома бештар ба тарғиби ашъори Фарзона таваҷҷуҳ намуда, пайваста ашъори нави шоирро мунташир ва нақдҳои адибони замонро роҷеъ ба вижагиҳои ҳунариву сохтории шеъри шоир нашр менамояд.Аз таҳқиқ ва омӯзиши мавзуи тарғиби масоили адабӣ дар матбуоти даврии замони Истиқлол дар мисоли рӯзномаи Ҳақиқати Суғд ва ашъори Фарзона ба чунин хулоса расидем:

1. Адабиёт ва фарҳанг яке аз муҳимтарин авомилест, ки мавҷудияти миллату давлатро собит месозад. Ин аст, ки инъикоси масоили адабӣ баррасии масоили мухталифи мавҷуда дар ин самт яке аз рисолати аввалиндараҷаи воситаҳои ахбори омма, аз он ҷумла, матбуоти даврӣ мебошад.Меъёрҳои баррасии масоили адабиёт дар рӯзнома хеле равшан ба назар мерасад. Матлабҳои ба нашр расида бозгӯи ҷанбаҳои мухталифи адабиёти миллӣ буда, маводи адабӣ дорои шакл ва сабку услуби хосанд. Ин хусусият бори дигар собит месозад, ки нашрия бо назардошти назариёти илмӣ дар тарғибу ташвиқи ашъори Фарзона ба корбасти маъмултарин шаклу жанрҳои адабӣ ва журналистӣ такя намудааст.Дар замони истиқлоли давлатӣ рӯзномаи «Ҳақиқати Суғд» дар тарғибу ташвиқи ашъори Фарзона саҳми бориз дорад. Пайваста дар саҳифаҳои рӯзномаи мазкур доир ба ашъори шоир маводи фаровоне дарҷ мегардад, ки ин мавод метавонад дар муайян намудани афкори адабии ҷомеа хидмат намояд.

2. Сохтор ва мавзуъву равишҳои баррасии тарғиб ва ташвиқи ашъори Фарзона дар рӯзнома ҷолиб буда, нақди ашъори ӯ дар саҳифаҳои рӯзнома дар шинохти масъалаҳои адабиётшиносӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад.Дар саҳифаи гуногуни рӯзнома доир ба ашъори Фарзона нақд ва тақризҳои зиёде нашр гардиданд, ки дар тарғиби ғоя ва шинохти осори шоир саҳми беандоза мегузорад.

**АДАБИЁТ:**

1. Аъзамзод, С. Оид ба таҳқиқи муштараки таърихи адабиёт ва матбуоти тоқик. // Шарофати «Бухорои шариф» маҷмуаи мақолаҳо бахшида ба 100-солагии «Бухорои шариф”.–Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалид, 2019. –113-121с.
2. Аскар, Ҳаким. Андеша, отифа, тасвир //«Ҳақиқати Суғд» №19 (17232), 20 (17233), 22(17234), феврали соли 2014. – с.3-4.
3. Карими, Шариф, Золеҳи Зарифзод. «Фурӯғи зиндагӣ» (Қомуси «Ҳақиқати Суғд»). –Хуҷанд: Хуросон. 2010. – 188с.
4. Фарзона. «Башоратдеҳи фардо» // Ҳақиқати Суғд №150 (17519), 15 декабри соли 2015. . – с.3.
5. Караматулло, Олимов. Дуруди Каъбаи сурх ба сӯи фардои сабз //Ҳақиқати Суғд №4(17216), 9 январи соли 2014. . – с.2.
6. Матлубаи, Мирзоюнус. Субҳи мавлуди муғчаҳо// «Ҳақиқати Леинобод» №25 (15123), 20-23-юми марти соли 1994. – с.2.
7. Ҳакимова, С. Ҳақиқат аз равзанаи замон. Рӯзномаи «Ҳақиқати Суғд» ва нақши он дар ташаккули матбуоти тоҷик. –Хуҷанд: Хуросон, 2022. – 216 с.

**REFERENCES:**

1. Azamzod S. On the joint study of the history of Tajik literature and press. // The honor of "Bukhara-i-Sharif" a collection of articles dedicated to the 100th anniversary of "Bukhara-i-Sharif".–Khujand: State Publishing House named after Rahim Jalid, 2019. –113-121p.
2. Askar Hakim. Opinion, citation, description //"Hakikati Sughd" No. 19 (17232), 20 (17233), 22 (17234), February 2014. – p.3-4.
3. Karimi Sharif, Zolehi Zarifzod. "Furughi ginduz" (Dictionary of "Hakikati Sughd"). –Khujand: Khuroson. 2010. – 188p.
4. Farzona. "The harbinger of tomorrow"//Hakikati Sughd No.150 (17519),December 15, 2015. . – p.3.
5. Karamatullo Olimov. The prayer of the red Kaaba towards a green tomorrow // Hakikati Sughd No. 4 (17216), January 9, 2014. . – p.2.
6. Matlubai Mirzoyunus. The morning of the birth of the mugchas // "Hakikati Leinobod" No. 25 (15123), March 20-23, 1994. – p.2.
7. Hakimova S. Truth from the window of time. The newspaper "Hakikati Sughd" and its role in the formation of the Tajik press. – Khujand: Khuroson, 2022. – 216 p.